# Ҳар ки ҳангоми шунидани муаззин бигӯяд: "Ашҳаду ан ло илоҳа илло Аллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳу ва анна Муҳаммадан абдуҳу ва расулуҳу. Разийту биллоҳи раббан ва би Муҳаммадин расулан ва бил-Исломи динан", гуноҳони ӯ омурзида мешаванд." Тарҷума: "Гувоҳӣ медиҳам, ки маъбуди бар ҳақе нест ҷуз Аллоҳ, ки ягона ва бешарик аст. Ва ба ин ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯ аст. Ба Аллоҳ, ҳамчун Парвардигорам ва Муҳаммад, ҳамчун Паёмбарам ва ба Ислом ҳамчун динам, розӣ ҳастам

Аз Саъд ибни Абиваққос (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбари Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) гуфт: "Ҳар ки ҳангоми шунидани муаззин бигӯяд: "Ашҳаду ан ло илоҳа илло Аллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳу ва анна Муҳаммадан абдуҳу ва расулуҳу. Разийту биллоҳи раббан ва би Муҳаммадин расулан ва бил-Исломи динан", гуноҳони ӯ омурзида мешаванд." Тарҷума: "Гувоҳӣ медиҳам, ки маъбуди бар ҳақе нест ҷуз Аллоҳ, ки ягона ва бешарик аст. Ва ба ин ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯ аст. Ба Аллоҳ, ҳамчун Парвардигорам ва Муҳаммад, ҳамчун Паёмбарам ва ба Ислом ҳамчун динам, розӣ ҳастам."

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд, ки ҳар ки ҳангоми шунидани муаззин гӯяд: "Ашҳаду ан ло илоҳа илло Аллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳу." Яъне: Иқрор ва эътироф мекунам ва хабар медиҳам, ки маъбуди ба ҳақ нест, ҷуз Аллоҳ ва ҳар маъбуде ҷуз Ӯ ботил аст. "Ва анна Муҳаммадан абдуҳу ва расулуҳу", яъне, ӯ банда аст, ибодат карда намешавад ва паёмбар аст, дурӯғ намегӯяд. "Разийту биллоҳи раббан", яъне ба рубубият, улуҳият, номҳо ва сифатҳояш. "Ва би Муҳаммадин расулан", яъне, ба ҳамаи он чи барои ӯ фиристода шудааст ва ба мо расонидааст, розӣ ҳастам. "Ва бил-исломи", яъне, ба ҳамаи аҳкоми Ислом, аз авомир ва навоҳияш. "Динан", яъне, аз рӯи эътиқод ва таслим шудан. "Гуноҳонаш омурзида мешавад." Яъне, гуноҳони сағирааш.